**Барои ҳифзи Ватан, таҳкими Истиқлолият ва амнияти миллӣ тайёрем!**

# Родмардон

Ҳоло вазифаи ҳар яки мо – шаҳрвандони Тоҷикистони соҳибистиқлол аз он иборат аст, ки ба хотири иҷрои ҳадафҳои дар наздамон қарордошта ва нақшаву барномаҳои қабулкардаамон боз ҳам бештар заҳмат кашем.

Эмомалӣ Раҳмон

*№12(213)*
*26 декабри соли 2023*

**Нашрияи тарбияи ҳарбию ватанпарастии Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

## *Чанде аз дастовардҳо дар соли 2023*

Соли 2023 барои ҳайати шахсии Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки як рукни асосӣ ва хеле муҳими Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил медиҳад, соли хотирмону таърихӣ ба шумор меравад. Зеро хизматчиёни ҳарбии Гвардияи миллӣ дар баробари тамоми мардуми шарафманди Тоҷикистон, сохторҳои қудратӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқи кишвар 30-солагии Артиши миллии Тоҷикистонро бо омодабошии баланди ҷангӣ ва нишондодҳои намунавии хизматӣ таҷлил намуданд. 8 сентябри соли 2023 ба ифтихори ҷашни 32-солагии Истиқлолияти давлатӣ ва 30-солагии Қувваҳои Мусаллаҳи Тоҷикистон нахустин бор дар майдони «Истиқлол» паради ҳарбӣ доир гардид, ки дар он ҷузъу томҳои Гвардияи миллӣ бо ифтихору сарбаландӣ аз назди минбари ифтихорӣ гузаштанд. Қабл аз паради ҳарбӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳ генерали артиш муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба ҳифзи дастовардҳои давлати соҳибистиқлол суханронӣ намуда, ҳайати шахсии Артиши миллӣ ва тамоми мардуми сарбаланди кишварро ба ҷашнҳои бузурги миллӣ муборакбод намуданд.

Қобили зикр аст, ки Сарфармондеҳи Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамеша дар фикри ғамхорӣ, таъминот ва фароҳам намудани шароити хизмат барои сарбозон ва беҳтар намудани вазъи иҷтимоии хизматчиёни ҳарбӣ ҳастанд. Бо ин мақсад ҳар як нақша, пешниҳод, ташаббусро дар ин маврид ҷонибдорӣ мекунанд ва барои татбиқи он супоришҳои мушаххас медиҳанд. Далели навбатӣ ин аст, ки моҳи сентябр ба истифода додани бинои истиқоматӣ барои хизматчиёни ҳарбӣ дар назди Шифохонаи Гвардияи миллӣ бо иштироки Пешвои миллат сурат



гирифт. Бино аз ду ошёна ва 24 ҳуҷра, майдончаҳои варзишӣ, бозии кӯдакон ва дигар биноҳои ёрирасон иборат мебошад.

Дар давоми соли 2023 барои хизматҳои шоиста 59 нафар хизматчиёни ҳарбии Гвардияи миллӣ бо мукофотҳои давлатӣ, аз ҷумла ордену медал ва Ифтихорномаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон сарфароз гардонида шуданд.

Ҳайати шахсии баталёни Қаровули фахрӣ дар маросимҳои расмии афрохтани Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ифтитоҳи майдони Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо иштироки Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ноҳияҳои Айнӣ ва Бобоҷон Ғафуров баргузор гардид, иштирок намуданд.

Соли 2023 зиёда аз 40 нафар хизматчиёни ҳарбии Гвардияи миллӣ дар хориҷи кишвар таҳсил ва такмили ихтисос намуданд. Ҳамчунин дар озмуну сабқатҳои гуногуни варзишӣ, ҳарбӣ, зеҳнӣ иштирок карда, маҳорату малакаи касбии хешро сайқал додаанд. Аз ҷумла, дастаи хизматчиёни



ҳарбии Гвардияи миллӣ таҳти роҳбарии майори гвардия Ғаффорзода Миралӣ дар мусобиқаи байналмилалӣ зери унвони «Алмоси бурро, ки дар Ҷумҳурии Халқии Хитой баргузор гардид, дар байни 20 кишвар ҷойи ҳафтумро ишғол намуда, бо Ҷом сарфароз гардиданд.

Моҳи октябри соли 2023 бо мақсади татбиқи Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 ва дар сатҳи баланд нигоҳ доштани омодабошии ҷангии хизматчиёни ҳарбӣ Сарситоди Гвардияи миллӣ дар якҷоягӣ бо сохторҳои қудратӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқи кишвар нақшаи ҳамкорӣ ва ҳамоҳангсозии амалҳоро роҳандозӣ намуданд. Машғулиятҳои амалӣ нишон дод, ки сохторҳои низомӣ ва мақомоти қудратӣ танҳо дар якҷоягӣ метавонанд, таъмини амният, дастовардҳои истиқлолият, сулҳу ваҳдат ва бехатарии сарҳади давлатиро ҳифз намоянд.

Дар асоси робитаҳои ҳамкорӣ, бо мақсади мубодилаи таҷриба, бо кишварҳои хориҷи дуру наздик силсилаи семинару машғулиятҳои таълимӣ гузаронида шуд, ки дар он зиёда аз 400 нафар хизматчиёни ҳарбӣ маҳорату малакаи ҷангии хешро сайқал доданд.

Маълум аст, ки мавқеи ҷангии ҳар як сохтори низомиро сатҳи таъминот, кадрҳои баландихтисосу ватандӯст муайян мекунанд. Дар давоми сол аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар асоси ҳамкорӣ бо сохторҳои низомии хориҷи кишвар Гвардияи миллӣ бо техника, силоҳу муҳимоти ҷангии муосир ва дигар амволу воситаҳои техникии ҳозиразамон таъмин карда шуд.

Қайд намудан ба маврид аст, ки дар заминаи Маркази миллии таълимӣ оид ба мубориза бо терроризм ва маводи мухаддири Гвардияи миллӣ дар машғулиятҳои тактикӣ, ронандагӣ ва тирпаронии ҷангӣ аз ҷузъу томҳои гвардия 4707 нафар ва аз дигар сохторҳои низомӣ 984 нафар, ҳамагӣ 5691 нафар иштирок намуданд.

Дар доираи ҳамкорӣ бо муассисаи давлатии Маркази миллии Тоҷикистон оид ба масъа-





лаҳои минаҳо бошад 18 муҳандис: афсарону прапоршикон ва сарбозон дар вилояти Хатлон фаъолият намуда, масоҳати 8 гектару 53 сотих заминро тафтиш ва аз минаҳо тоза намудаанд. 149 дона ПМН-2, 2 дона ОЗМ-72 ва 138 дона зерминаи МЛ-7 дарёфт ва безарар гардонида шуд

Бо мақсади дар амал татбиқ намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забон» ва бо мақсади ғанигардонии базаи моддӣ - таълимӣ соли ҷорӣ аз тарафи шуъбаи илмӣ - ҳарбии раёсати тайёрии ҷангӣ ҳашт барномаи таълимӣ аз забони русӣ ба забони тоҷикӣ баргардонида шуд, ки айни замон мавриди истифодаи хизматчиёни ҳарбӣ қарор дорад.

Капитани гвардия Неъматуллои Холиқ, афсари калон-рӯзноманигори шуъбаи иттилоот ва робита бо ҷомеа дар озмуни ҷумҳуриявии мақолаи беҳтарин дар мавзӯи «Нақши Пешвои миллат дар ташаккул ва бунёди Қувваҳои Мусаллаҳи кишвар», ки аз тарафи Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳандозӣ гардид, сазовори Сипосномаи кумита ва туҳфа гардид.

Дастаи варзишгарони Гвардияи миллӣ дар мусобиқаҳои кушоди варзишӣ миёни кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, сохторҳои низомӣ ва дигар корхонаву идораҳо, барои дарёфти «Ҷоми вазири мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки ба муносибати 30-солагии таъсисёбии Артиши миллӣ гузаронида шуд, дар намуди гуштин муваффақ шуда, ҷойҳои якуму дуюмро сазовор гардиданд. Ҳамин тавр, хизматчиёни ҳарбии Гвардияи миллӣ дар чорабиниҳои сатҳи ҷумҳуриявӣ иштирок карда, сазовори ҷойҳои намоён гардидаанд: мусобиқаи тирпаронӣ аз силоҳи муосир байни сохторҳои қудратӣ - ҷойи сеюм, аз милтиқи мерганӣ ҳам ҷойи сеюмро ишғол намуданд.

Бо ташаббуси фармондеҳи Гвардияи миллӣ ҳар сол дар қисмҳои ҳарбӣ, сипас байни беҳтаринҳо мусобиқаҳои ҳарбӣ-зеҳнӣ, варзишӣ ва фарҳангӣ баргузор мегардад. Мувофиқи маълумоти пешниҳоднамудани масъулини самти корҳои сиёсӣ-тарбиявӣ дар қисмҳои ҳарбӣ ҷойҳои намоёнро қисмҳои ҳарбии 051052, 051054, 051056 ва 051059 ишғол намудаанд. Аз рӯи ҷамъи холҳо ва ҷойҳои ишғолнамуда мавқеи қисмҳои ҳарбӣ чунин аст: бо 7 ҷойи якум, 7 ҷойи дуюм ва 4 ҷойи сеюм қисми ҳарбии 051054 - якум; бо 4 ҷойи якум, 3 ҷойи дуюм ва 5 ҷойи сеюм қисми ҳарбии 051056-дуюм; бо 3 ҷойи якум ва 8 ҷойи дуюм қисми ҳарбии 051052- сеюм ва бо 2 ҷои якум, 3 ҷойи дуюм ва 6 ҷойи сеюм қисми ҳарбии 051059- чорум.








Қобили зикр аст, ки дар ду озмуни асосӣ - «Беҳтарин донандаи Оинномаҳо» ва «Беҳтарин донандаи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷойҳои якумро афсарони қисми ҳарбии 051054 - капитани гвардия Беҳрӯзи Мадаминзода, капитани гвардия Шавкат Бобоҷонзода соҳиб гардидаанд. Дар озмуни баъдӣ ҷойи дуюм ҳам насиби лейтенанти гвардия Меҳроб Давлатзода аз қисми ҳарбии 051054 шуд. Албатта, ин шаҳодати саъю талош ва кӯшиши ҳайати роҳбарикунандаи қисми ҳарбӣ мебошад.

полковники гвардия
Хайринисо КОМИЛЗОДА

# Мавқеи васоити ахбори омма дар ҷомеаи имрӯза



Васоити ахбори омма яке аз манбаъҳое ҳаст, ки тамоми дунёро бо хабару гузоришҳо, барномаву сужетҳо ва бо мақолаву матлабҳои гуногун тариқи телевизиону радио, рӯзномаву маҷаллаҳо ва бо воситаи шабакаҳои умумиҷаҳонии интернет ошно месозад. Бо итминон метавон гуфт, ки имрӯз васоити ахбори омма дар таъмини амнияти иттилоотии ҷомеа як нерӯи таъсиргузор буда, воситаи тавонои ташаккули муносибат, тарғиби арзишҳо ва таблиғи ғояҳо ба шумор меравад. Дар тамоми дунё расонаҳои хабарӣ фавриятро ба кор бурда, аз навгонии илму техника, кашфиётҳои олимону муҳаққиқон, чорабиниҳои сатҳи байналмилалӣ, ҷашну маросимҳои гуногун, ҳодисаву воқеаҳо ва дар умум аз ҷаҳони руйдодҳо хабар медиҳанд. Аммо чизи аз ҳама ташвишовар ин аст, ки имрӯз давлатҳои абарқудрати дунё ба ғайр аз оне ки ҷангҳои мусаллаҳонаро ташкил кардаанд, боз ҷангҳои иттилоотиро низ роҳандозӣ намудаанд. Ҷангҳои иттилоотӣ бошад, яке аз хатарноктарин воситаи ҷанг аст. Зеро васоити ахбори омма метавонад ба мақсадҳои гуногун хизмат кунад. Аз як тараф, одамонро тарбия карда, ба инкишофи шахсияти ӯ ёрӣ расонида, дар ҳаёти ҷамъиятӣ фаъол буданро омӯзонад. Аз тарафи дигар метавонад, аз ҷиҳати маънавӣ шахсро ғуломи худ гардонад. Маълумоти нодурустро дар мафкураи шахс ҷой намояд, кибру ғурур ва бадбиниро нисбат ба қавму қабилаҳо, миллатҳо ва давлатҳои дунё барангезад, нобоварӣ ва тарсу ваҳмро дар дили шахс ҷой намояд. Бо ин роҳ шахси иттилоърасон ҳадафҳои муайяни хешро амалӣ гардонида, мардумро метавонад, гоҳо ба гумроҳӣ барад. Чизи ташвишовар ин аст, на ҳама хонандаву бинанда ва шунавандаҳои расонаҳо, яъне истифодабарандаву пахшкунандаи иттилоот дар бораи матлаби дастраснамуда дуруст хулосабарорӣ намуда метавонад. Яъне аксари вақт дурустии иттилоотро санҷида намебароянд ва ба он зуд боварӣ ҳосил менамоянд, ки ин хеле нигаронкунанда аст.

Агар ба расонаҳои хабарии кишварҳои абарқудрат назар андозем, мебинем, ки онҳо ҳар яке дар ҷои аввал манфиатҳои давлатдории хешро ҳифз менамоянд. Ба воситаи иттилоот иқтисоду иҷтимоиёт, сиёсат, фарҳанг ва дигар самтҳои давлатдории рақибони давлатҳои хешро шикаст медиҳанд. Ширкатҳои тиҷоратӣ низ бо пахши хабарҳои бардурӯғ рақибони тиҷоратии худро ба муфсилшавӣ гирифтор мекунанд. Яъне, як матлаби хурдакак низ қувваи зиёди маънавиро дорост, ки самти фаъолияти ҳар гуна ашхосро метавонад дигар созад. Васоити ахбори омма мардумро аз паси худ мебарад. Яъне, ҳар андешае, ки дар иттилоот ё мақола мавриди таҳлили журналист қарор гирад, аудитория (хонанда, бинанда ва шунаванда) онро ҳамон хел меҳисобад ва дар баҳсҳои идеологӣ низ ҳар он чизеро, ки журналист гуфтааст, ҳамонро афзалтар медонад. Аз ин лиҳоз, хонандагону бинандагон ва шунавандагони тоҷик, ки дар бораи ин ё он ҳодиса аз шабакаҳои интернетӣ ё худ аз ВАО-и хориҷа маълумот дастрас менамоянд, бояд онро дурусту дақиқ санҷанд ва фирефта нагарданд. Мавриди ба зикр аст, ки ВАО ба ғайр аз ҳамаи ин боз метавонад дар ташаккул ва ҷаҳонбинии шахс низ таъсиргузор бошад. Андешаи солимро дар дили шахс ҷой намуда, қобилияти фикррониро дигар кунад. Хулоса кардан мумкин аст, ки расонаҳо ҳам ҷиҳатҳои манфӣ ва ҳам ҷиҳатҳои мусбатро дороанд. Яъне, аз худи шахс вобаста аст, ки кадоме аз ҷиҳатҳои ВАО-ро дуруст қабул карда метавонад.

Масъалаи дигареро мебояд, зери таваҷҷуҳ қарор дод, ин аст, ки имрӯзҳо ҳатто дар шабакаҳои иҷтимоӣ ҳастанд шахсони алоҳидае ба қаллобиву мардумфиребӣ ё худ ба мафкурашуӣ машғуланд. Зеро дар бештари вақт дар шабакаҳои интернетӣ аз ҷониби чунин ашхос хабарҳои бардурӯғ, иғвоангез, ваҳмангез ва дур аз ҳақиқати ҳол пахш мегардад. Дар ин бобат бояд ҳар як шахс огаҳ бошад, чизеро ки мутолиа кард, онро зираконаву ҳушёрона хуб таҳлил намуда, ҳақиқати ҳолро пайдо намояд ва ба фиреб гирифтор нагарданд. Дар шабакаҳои иҷтимоӣ инсонҳое паси телефонҳои мобилӣ ва компютерҳо нишаста ба мардум ҷои кор, мукофотҳои пулӣ ё ин ки хонаву мошин пешниҳод мекунанд, ки шумо бурд кардед ва барои гирифтани мукофот ҳуҷҷатҳои худ ё ин ки як маблағи муайянеро ба мо гузаронед, то мукофот равон кунем. Ин ашхос қаллобанд. Ё ин ки ҷавононро бо ин гуна амалашон ба гурӯҳҳои тундрав ҷалб менамоянд. Таҳлилгарони ин гуна ҳолатҳо ба хулосае омаданд, ки гурӯҳҳои террористиву экстремистӣ ҷавононро маҳз дар шабакаҳои иҷтимоӣ пайдо намуда, ба сафҳои худ ҷалб менамояд. Дар робита ба ин такрор ба такрор зикр кардан лозим аст, ки дар истифодаи шабакаҳои иҷтимоӣ ҳар кас бояд хулосаи зарурӣ барорад ва худрову наздиконро аз ҳар гуна амалҳо эмин нигоҳ дорад. Алалхусус, наврасону ҷавононро, ки бештарашон пайваста аз шабакаҳои иҷтимоӣ истифода мебаранд, бояд зери назорати қатъӣ қарор дод, то ин ки мағзшуӣ нашаванд ва ояндаи дурахшони худро барбод надиҳанд.

Ёқубҷон СУЛТОНАЛИЗОДА
қисми ҳарбии 051054

Ҷамъомадҳои таълимӣ

# Махзани донишҳои нав ва ё таҷрибаи пешқадам

Дар асоси Нақшаи ягонаи чорабиниҳои асосии Гвардияи миллӣ ҷамъомадҳои таълимӣ қабл аз оғози соли нави хониш ва давраҳои таҳсил ташкилу ба роҳ монда мешаванд. Баргузории ҷамъомадҳои таълимии навбатӣ дар ҳолест, ки дар тамоми ҷузъу томҳои қисмҳои ҳарбӣ барномаҳои таҳсил, машқу машғулиятҳои таълимӣ пурра ба итмом расида, комиссияҳои санҷишӣ фаъолияти хизматиро дар самти ситод, хизмати қӯшунҳо ва бехатарии хизмати ҳарбӣ, тайёрии ҷангӣ, сиёсӣ-тарбиявӣ, аслиҳаву техникаи ҳарбӣ, ақибгоҳ, иҷроиши протоколҳо ва дигар дастурамалу фармонҳои марбут ба хизмат санҷиш ва баҳогузорӣ намуданд. Қобили зикр аст, ки нақшаи ҷамъомадҳои таълимӣ дар моҳи декабри соли ҷорӣ аз рӯи санҷишу таҳлилҳо вобаста ба пешрафти хизмати ҳарбӣ бо истифода аз мавзӯву масъалаҳои мубрам ва пешниҳодоти нав тарҳрезӣ гардидааст.

Санаи 18-19 декабри соли равон нахуст ҷамъомади таълимӣ-методӣ бо муовинони командирони қисмҳои ҳарбӣ оид ба корҳои сиёсӣ-тарбиявӣ баргузор карда шуд. Машғулиятҳоро афсарони таҷрибадори хизмат, мутахассисони соҳаи сиёсатшиносӣ ва равоншиносии раёсат оид ба корҳои сиёсӣ-тарбиявӣ гузарониданд. Мавзуъҳои ҷамъомадро тарбияи ватандӯстӣ - омили меҳварии таҳкими худшиносии миллӣ, стреси ҷангӣ ва оқибатҳои он, тартиби назорати иҷрои ҳукмҳои судӣ ва кор бо маҳкумшудагон, суҳбатҳои фардӣ ва тарзи хулосабарорӣ, шабакаҳои иҷтимоӣ ва таъсири онҳо ба афкори ҷамъиятӣ дар бар гирифт. Ҳамчунин, бо муовинони командирон оид ба корҳои сиёсӣ-тарбиявӣ машғулият дар мавзуи реҷаи банақшагирӣ ва тақсимбандии маводи хӯроквворӣ тибқи меъёр аз ҷониби мутахассиси самти ақибгоҳ ва дар мавзӯи тарзи дурусти баҳисобгирии воситаҳои моддӣ дар хадамоти аслиҳа ва техникаи ҳарбӣ аз ҷониби мутахассис аз раёсати аслиҳа ва техникаи ҳарбӣ гузаронида шуд.





Ҷамъомади таълимӣ бо масъулини самти аслиҳа ва техникаи ҳарбӣ аз таҳлили вазъи сиёсию ҳарбии ҷаҳони имрӯза шурӯъ гардид. Муовини фармондеҳи Гвардияи миллӣ оид ба аслиҳа ва техникаи ҳарбӣ генерал-майори гвардия Самарзода Қиёмиддин ҳангоми таҳлилу баррасии мавзӯъ таъкид дошт, ки мусаллаҳшавии пуршидат бо истифода аз технологияи ҳозиразамон ҷаҳонро тасхир кардааст. Аз ин рӯ, ҳар як хизматчии ҳарбиро зарур аст, ки аз технологияи ҳозиразамон хуб огоҳӣ дошта, дар рафти хизмати ҳарбӣ аз уҳдаи иҷрои вазифаҳои хизматӣ сарбаландона баромада тавонад. Идомаи ҷамъомади таълимиро машғулиятҳои муҳим вобаста ба фаъолияти ҳамарӯзаи хизматӣ дар самти аслиҳа ва техникаи ҳарбӣ ташкил намуд. Аз ҷумла, тартиби дурусти нигоҳдории воситаҳои оптикӣ, истифодабарии дурусти онҳо, рондани мошинҳои ҷангӣ тибқи талаботи дастурамал, амали ҳайати экипаж вобаста ба мавқеи ҷойгиршавӣ, иқлим ва релефи маҳал, таъминоти техникӣ дар иҷрои вазифаҳои ҷангӣ ва ҳаракати воситаҳои нақлиёти хизматӣ дар хатсайр барин мавзӯъҳо дар бар гирифт, ки аз тарафи афсарони ботаҷрибаи раёсат оид ба аслиҳа ва техникаи ҳарбӣ доир карда шуд.

Ҷамъомади навбатӣ бо муовинони командирони қисмҳои ҳарбӣ оид ба ақибгоҳ дар заминаи қисми ҳарбии 051055 сурат гирифт. Моҳи декабр, ки моҳи тайёрӣ ба соли хониш ба ҳисоб меравад, ҳалли масъалаҳои муҳимтарин вобаста ба таъминоти сару либоси ҳайати шахсӣ, таъминоти озуқа, таъмину таъмири иншооти хизматрасон ва чанде аз масъалаҳои дигар ба зиммаи масъулини самти ақиб вогузор гардидааст. Мавзӯъҳои ҷамъомад вобаста ба пешрафти фаъолият ва ноил гардидан дар ҳамин самт гузаронида шуданд.

Қобили қайд аст, ки ҷамъомадҳои таълимӣ бо дигар ҳайат аз ҷумла бо хизматчиёнии ҳарбии соҳаи кадр, қисмҳои сафӣ, қисмҳои махфӣ, ситод ва тайёрии ҷангӣ то оғози соли хониш идома ёфта, ҷамъбасти ҷамъомадҳои таълимӣ дар ҳар як самт бо иштироки Фармондеҳи Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар “мизи мудаввар” бо иштироки васеи масъулини ҳар як соҳа гузаронида мешавад.

Капитани гвардия
Неъматуллои ХОЛИҚ





# ИСТИҚЛОЛ – рамзи худшиносӣ

Миллати тоҷик баъди ба даст овардани истиқлолият ба давраи муҳими иҷтимоии таърихии худ – давраи хештаншиносӣ дохил шуд. Хештаншиносии миллӣ аз ниёгонамон ба мо мерос монда бошад ҳам, баъди соҳибистиқлол гардидани кишвар марҳилаи нави хештаншиносии миллӣ оғоз гардид. Дар ин давра вазъи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии кишвар дигар шуда, арзишҳои моддию маънавӣ низ ба тарзи куллӣ дигар шудаанд. Аз ин рӯ, бояд таърих ва тамаддуни ҳар як гӯшаю канори кишварамонро омӯхта, таърихи ниёгони худро ғанитар гардонем, то гузаштаву имрӯзаро бо ҳам тавъам сохта, хештаншиносии худро тақвият бахшем. Чунки хештаншиносӣ аз шинохти худ, аз шинохти падарону бобоён ва гузаштагон сарчашма мегирад. Шоири хушкаломи тоҷик Лоиқ Шералӣ мегӯяд:

***Зи сад анҷом, як оғоз беҳтар,***
***Зи сад хомӯшӣ як овоз беҳтар.***
***Худоро мешиносӣ, ҳамдулиллоҳ,***
***Агар худро шиносӣ, боз беҳтар.***

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид менамоянд, ки ***«Ҷавҳари худшиносии миллӣ аз дӯст доштани ватан, модар, забон, таърих ва арзишҳои таърихию фарҳангӣ сарчашма гирифта, ба ташаккули шахсиятҳои дорои ҷаҳонбинии солиму пешрафта боис мегардад».***



Хештаншиносӣ яке аз арзишҳои озодаи инсонӣ буда, касро ба бунёдкорию созандагӣ, инсондӯстию ватанпарварӣ ҳидоят менамояд.

Ҳар фарди бонангу номус ва худогоҳи ҷомеа бояд хуб дар хотир дошта бошад, ки танҳо истиқлолу озодӣ ва ваҳдат омилҳои асосии пойдории давлат мебошанд ва ҳифзу тақвияти муқаддасоти миллӣ вазифаи ҳар фарди ватандӯст ба шумор меравад.

9 сентябри соли 1991 барои миллати тоҷик на танҳо ҳамчун рӯзи Истиқлоли давлатии Тоҷикистон, балки ҳамчун санаи барқарорсозии адолати таърихӣ, ҳифзи манфиатҳои мардум ва амну осоиш азизу арҷманд аст. Истиқлол дар қалбу шуури шаҳрвандони кишвар ҳисси эҳтиром ба Тоҷикистони азиз ва муқаддасоти ватанро устувор сохта, эътимоди онҳоро ба ояндаи дурахшону озод бештар намуд.

Бузургтарин дастоварди мардуми тоҷик дар тӯли ин солҳо, соҳиб шудан ба истиқлолияти сиёсӣ, хотима додан ба ҷанги шаҳрвандӣ, расидан ба оштии миллӣ, таъмини сулҳу субот ва амнияти мардум мебошад. Ин омилҳо боис мегарданд, ки ҷавонону наврасон на танҳо ҷавҳари фардӣ, балки ҷавҳари хештаншиносӣ ва худогоҳии миллиро покиза нигоҳ дошта, дастовардҳои Истиқлолро ҳифз намоянд.

Саодат САТТОРӢ

## *Соли нав афзуда бодо иззату ҷоҳи Ватан,*
## *Бод аз файзи навин саршор даргоҳи Ватан.*

# Соли нав - соли НАҲАНГ

Соли нави фарорасида – соли 2024 соли Наҳанг аст. Солҳои 1916, 1928, 1940, 1952, 1964, 1976, 1988, 2000, 2012 наҳанг чун имсола ҳокими сол буд.

Мучал, мӯрчал – солшумории дувоздаҳгонаест, ки дар кӯҳистони тоҷик бо номи «сол», «мӯрчал» машҳур буда, аз замонҳои бостон корбурд мешавад. Барои донистани ҳисоби мӯлчар дар мардуми шарқ ин чор мисраъ аз манфиат холӣ нест:

Мушу бақару палангу харгӯш шумор,
З-ин чор чу бигзарӣ – наҳанг ояду мор.
В – он гоҳ ба аспу гусфанд аст ҳисоб,
Ҳамдунаву мурғу сагу хук охири кор.

Мувофиқи солшумории шарқӣ ибтидои соли нав аз 21-уми январ оғоз мeёбад.

Солшуморон ва толеъноманависон наҳангро ҳушёр, зирак, мубориз, бадхашм ва хунсард тавсиф кардаанд. Ҳокими сол – наҳанг мавҷуди пурқудрат буда, дар ҳақиқат ҳоким буданро дӯст медорад. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки одамони дар ин сол таваллудёфта, ҳамеша ҷисму рӯҳи худро тақвият дода, бояд дар ҳама ҳолат бурдбору шикастнопазир бошанд. Агар онҳо ба худ боварии комил ва ният нек дошта бошанд, ба комёбӣ ва ғолибият ҳамеша муваффақ мегарданд.

Бояд қайд кард, ки кишоварзон тақвими шарқиро васеъ истифода намуда, ҳар солро бо хислатҳои он ҳайвон ташбеҳ медоданд ва аз соли хуб ё бад, серҳосил ё камҳосил омадани он ҳарф мезаданд.

Наҳанг рамзи душманони пурқувват, мардони принсипнок ва мушкилоти гуногун мебошад. Инчунин ҳаракат, пешравӣ, қудрат, қатъият, нотарсӣ, далерӣ ва рақобат нишонаҳои хоси ин дарандаи пурқудрат аст.

Наҳанг дар хоб аз вохӯрӣ бо душман далолат медиҳад. Азбаски наҳанг дар об зиндагонӣ мекунад, сол серборишу серҳосил мешавад. Ранги сабз эҳдогари қувваи сол буда, нишонаи тоза шудан, барқароршавӣ, эҳё, оғози ҳаёти нав ва бисёр воқеаҳои аҷоибу ғароиб мебошад. Наҳанг мавҷудоти аз ҳад зиёд хатарнок аст. Аммо ӯ наметавонад дар ҳар шароити номусоид ғолибиятро ба даст биёрад. Дар ин сол ҳар қадар мушкилӣ ва ташвишҳо зиёд бошанд ҳам, қувваи рӯҳониву ҷисмонии мо ҳамон қадар зиёд мешавад.

Дар ин сол ба маърифату маънавиёт бештар аҳамият бояд дод. Тамсили ҳаётро дигар намуда, аз сарватпарастӣ худро дар канор бояд гирифт. Аз мушкилиҳо набояд тарсид ва таҷриба, малакаву дониши худро бояд тақвият бахшид.

Наҳангро ба хашм овардан басо осон аст, аммо бо ӯ бо эҳтиром ва муомилаи нек муносибат намоӣ, аз ташвишу мушкилиҳо ба осонӣ мебароӣ. Азбаски ба наҳанг чизҳои ҷилодор бештар маъқул аст, имсол барои одамони ҳамхислат ӯ бобарор меояд.

Дар ҳар сурат мақоли мардумӣ: «Дар даҳони наҳанг ҳам бошӣ, ноумед машав», моро ба сӯи фардои босаодат ва рӯшан ҳидоят намуда, қувваю неруи тоза мебахшад.

Таҳияи
Саодат САТТОРӢ

---

### *ҲАҶВИ СОЛИНАВӢ*

***Ба дӯстам Қурбон Латифов***

*Қурбон ҷавони бонанг,*
*Бозувонаш мисли санг.*
*Чанбари мошин ба чанг,*
*Имсол аст соли наҳанг.*

*Роҳи агба пур аз барф,*
*Як сӯ тарма, як сӯ жарф.*
*Умраш дар роҳ шишуд сарф,*
*Имсол аст соли наҳанг.*

*Бо гуфтори дилписанд,*
*Гоҳ шеър хонад гоҳе панд.*
*Бардачокаш пури қанд,*
*Имсол аст соли наҳанг.*

*Қурбон устоди корӣ,*
*Ҷавони беозорӣ,*
*Ҳастӣ шахси даркорӣ,*
*Имсол аст соли наҳанг.*

*Дар соли нав ҷӯраҷон,*
*Дар сафи аввал бимон,*
*Сабур бошу паҳлавон.*
*Имсол аст соли наҳанг.*

***Капитани гвардия***
***Орифшо Файзуллоев***



## *Мучал. Тақвими мардуми шарқ*

| МУШ | БАҚАР | ПАЛАНГ | ХАРГУШ | НАҲАНГ | МОР | АСП | ГӮСФАНД | ҲАМДУНА | МУРҒ | САГ | ХУК |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1900 | 1901 | 1902 | 1903 | 1904 | 1905 | 1906 | 1907 | 1908 | 1909 | 1910 | 1911 |
| 1912 | 1913 | 1914 | 1915 | 1916 | 1917 | 1918 | 1919 | 1920 | 1921 | 1922 | 1923 |
| 1924 | 1925 | 1926 | 1927 | 1928 | 1929 | 1930 | 1931 | 1932 | 1933 | 1934 | 1935 |
| 1936 | 1937 | 1938 | 1939 | 1940 | 1941 | 1942 | 1943 | 1944 | 1945 | 1946 | 1947 |
| 1948 | 1949 | 1950 | 1951 | 1952 | 1953 | 1954 | 1955 | 1956 | 1957 | 1958 | 1959 |
| 1960 | 1961 | 1962 | 1963 | 1964 | 1965 | 1966 | 1967 | 1968 | 1969 | 1970 | 1971 |
| 1972 | 1973 | 1974 | 1975 | 1976 | 1977 | 1978 | 1979 | 1980 | 1981 | 1982 | 1983 |
| 1984 | 1985 | 1986 | 1987 | 1988 | 1989 | 1990 | 1991 | 1992 | 1993 | 1994 | 1995 |
| 1996 | 1997 | 1998 | 1999 | 2000 | 2001 | 2002 | 2003 | 2004 | 2005 | 2006 | 2007 |
| 2008 | 2009 | 2010 | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 |
| 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2024 | 2025 | 2026 | 2027 | 2028 | 2029 | 2030 | 2031 |
| 2032 | 2033 | 2034 | 2035 | 2036 | 2037 | 2038 | 2039 | 2040 | 2041 | 2042 | 2043 |
| 2044 | 2045 | 2046 | 2047 | 2048 | 2049 | 2050 | 2051 | 2052 | 2053 | 2054 | 2055 |

### *ПАРДОХТИ ҒАЙРИНАҚДӢ*

**Барои риоя нагардидани талабот ҷавобгарии маъмурӣ муқаррар шуд.**

*Ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ моддаи 5411 илова гардида, барои риоя нагардидани талабот дар бораи тариқи ғайринақдӣ пардохт намудани хизматрасониҳои давлатӣ ва пардохтҳои дигари ҳатмии давлатӣ ҷавобгарии маъмурӣ муқаррар шудааст.*

*13 декабри соли 2023 ҷаласаи навбатии Иҷлосияи панҷуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, даъвати шашум баргузор гардид, ки дар он масъала «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру илова ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мавриди баррасии вакилон қарор гирифт.*

*Тибқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 июни соли 2023 «Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ» пардохти андозҳо, боҷҳои давлатӣ барои додани иҷозат ва иҷозатномаҳо, дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет, аз ҷумла ҷаримаҳо, маблағи суғуртаи ҳатмии давлатӣ, хизматрасониҳои тиббӣ, хизматрасониҳои коммуналӣ ва намудҳои дигари хизматрасониҳои давлатӣ аз 1 августи соли 2023 тариқи ғайринақдӣ муайян шудааст.*

*«Тибқи меъёри иловашаванда барои аз ҷониби кормандони вазорату идораҳо ва ташкилотҳои давлатӣ гирифтани пули нақд, ки таъиноти минбаъдаи он ба таври ғайринақдӣ супоридани маблағ барои додани иҷозат ва иҷозатномаҳо, пардохтҳои дигари ҳатмӣ ба буҷет, ҷаримаҳо, маблағи суғуртаи ҳатмии давлатӣ, хизматрасониҳои тиббӣ, хизматрасониҳои коммуналӣ ва намуди дигари хизматрасониҳои давлатӣ мебошад, инчунин истифодаи кортҳои бонкӣ ва дигар воситаҳои электронии шахсии пардохт бо ин мақсад, ба андозаи аз 10 (даҳ) то 20 (бист) нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима пешбинӣ шудааст»*

Муассис:
Гвардияи миллии
Ҷумҳурии Тоҷикистон

сомонаи расмӣ: www.gmjt.tj
E-mail: gmjt.info.tj@mail.ru

Оғози нашр:
25 январи соли 2006

**Ҳайати таҳрир:**
Сардори шуъбаи иттилоот ва робита бо ҷомеа полковники гвардия Хайринисо Комилзода, Неъматуллои Холиқ, Саодат Сатторова- хабарнигорон.

**Мушовирон:**
Фармондеҳи Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон генерал-лейтенанти гвардия Бобоҷон Ҷамолзода, раиси Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, раиси Иттифоқи ҷавонони Тоҷикистон Раҳмонзода Абдулло Қурбоналӣ, муовини раиси Ҳаракати ҷамъиятии ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон Рудобаи Мукаррам.

Идораи моҳнома ба андешаҳои муаллифони маводҳо на ҳама вақт ҷонибдор аст. Масъулияти саҳеҳии санаду иқтибосҳо ба зиммаи муаллифон аст. Маводҳо аз АМИТ «Ховар» истифода шуданд.

Рӯзнома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рақами 706 аз 20 январи соли 2006 ба қайд гирифта шудааст.

**Дизайн: А. Насриддинов**

**Суратгир: М. Шоев**

Адади нашр: 500 нусха